# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2026-41 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи маданӣ – «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» бахшида шудааст. Мавзуи мазкур дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ, густариши шартномаҳои маданӣ ва баланд гардидани нақши механизми ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои молу мулки аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Падидаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои кафолати устувории муносибатҳои шартномавӣ ба ҳисоб рафта, дар амалишавии принсипи «иҷрои ҳатмии уҳдадорӣ» нақши калидӣ мебозад. Дар шароити муосир, ки муносибатҳои иқтисодӣ мураккаб ва гуногуншакл мебошанд, зарурати таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии иҷрои уҳдадорӣ беш аз пеш эҳсос мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисоди бозорӣ қарор дошта, васеъшавии муносибатҳои соҳибкорӣ ва шартномавӣ масъалаи самаранокии воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориро ба миён мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии ин институт аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба такмили қонунгузории маданӣ ва рушди амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мусоидат менамояд.

Дар автореферат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими баъзе воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ норасоиҳо ва масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба мазмун, табиати ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии ноустуворона, гарав, замонат ва кафолати бонкӣ то ҳол пурра ва яксон танзим нагардидаанд. Ин ҳолат зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқи илмиро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар автореферат қайд мешавад, ки масъалаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили комплексии масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар шароити ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври пурра анҷом дода нашудааст. Ин ҳолигии илмӣ зарурати таҳқиқоти мазкурро тақвият мебахшад.

Муаллиф дуруст ба хулоса меояд, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ зарурати баррасии амиқи табиати ҳуқуқии воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, фарқгузории онҳо аз воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва такмили механизми ҳуқуқии татбиқи онҳо ба миён омадааст. Махсусан масъалаҳои марбут ба ноустуворона, замонат ва кафолати бонкӣ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар автореферат таҳлили маҷмӯии масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф вазифаҳои зеринро муайян намудааст:

– муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ;

– таҳлили фарқи байни воситаҳои таъмини иҷро ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ;

– омӯзиши намудҳои алоҳидаи воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ;

– таҳлили мафҳум ва табиати ҳуқуқии ноустуворона;

– баррасии масъалаҳои ҳуқуқии гарав, замонат ва кафолати бонкӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории маданӣ.

Ин вазифаҳо ба таври мантиқӣ аз мақсади таҳқиқот бармеоянд ва барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат менамоянд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки дар он як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, муаллиф воситаҳои таъмини

иҷрои уҳдадориро ба гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда, хусусиятҳои ҳар яки онҳоро шарҳ додааст.

Яке аз натиҷаҳои муҳим он аст, ки муаллиф ба масъалаи табиати ҳуқуқии ноустуворона таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро бештар ҳамчун воситаи ҷуброни зарар ва ҳифози тарафҳо арзёбӣ намудааст. Ин мавқеъ дар илми ҳуқуқи маданӣ дорои хусусияти баҳсбарангез мебошад, вале барои рушди минбаъдаи назария аҳаммияти махсус дорад.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот масъалаҳои ҳуқуқии гарав, замонат ва кафолати бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ақидаҳои мушаххас ҳамчун навгонӣ оид ба такмили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои марбут ба такмили мафҳуми замонат ва масъулияти зомин дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, такмили мафҳумҳо ва институтҳои он истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар фаъолияти судҳо ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда истифода шаванд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии таҳқиқот, дар автореферат як норасоии ҷузъӣ ба назар мерасад, дар баъзе қисматҳо таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нисбатан умумӣ оварда шуда, каме маҳдуд инъикос ёфтааст. Густариши муқоисаи ҳуқуқии таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонист мазмуни илмии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад. Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии рисола таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» таҳқиқоти мукаммал ва саривақтии илмӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳими институти таъмини иҷрои уҳдадориро таҳлил намуда, як қатор пешниҳодҳои асосноки илмӣ ва амалӣ пешниҳод намояд.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои он метавонанд барои рушди қонунгузории миллӣ ва такмили амалияи ҳуқуқӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Исмонализода Сайвали Исмонали ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои ухдадорӣ» ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ
байнипарламентӣ ва ташрифотии
Дасстгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон

**Имзоро тасдиқ менамоям:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва
коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Сафарзода Файзали Сафар

«15» 04 соли 2026

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС — ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Тел.: (+992 37) 221-33-07.
E-mail: kadr.parlament.@mail.ru